«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
_____________Ибодуллозода А.И.
"_17_" _02_ 2025 с.

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (*Phaseolus vulgaris L.*) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир, ки афзоиши босуръати аҳолии сайёра ва коҳиши майдонҳои кишт ба назар мерасад, истифодаи афзоиштанзимкунандаҳои растанӣ яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала дар Конгресси якуми умумиҷаҳонӣ оид ба истифодаи афзоиштанзимкунандаҳо (Страсбург, 2012) мавриди баррасии васеъ қарор гирифта буд.

Таҳқиқоти мазкур ба омӯзиши хосиятҳои афзоиштанзим-кунандагии ҳосилаҳои нави глитсерол равона гардидааст, ки дар шароити имрӯза аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Дуруст қайд карда шудааст, ки истифодаи афзоиштанзимкунандаҳои синтетикӣ дар кишварҳои ИДМ ва Тоҷикистон маҳдуд боқӣ мемонад, аз ин рӯ таҳияи моддаҳои нави аналогҳои синтетикии фитогормонҳо зарур мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал таъсири як қатор ҳосилаҳои глитсерол, аз ҷумла 3-карбобензоксифенилаланилопропан- 1,2- диол, 1,3- фталилфенилалани-лопропан-1,2-диол ва дигар пайвастагиҳо ба сифати афзоиштанзимкунанда дар лӯбиё (*Phaseolus vulgaris L.*) мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин, шароити оптималии таъсири ин

пайвастагиҳо муайян карда шуда, модели динамикаи азхудкунии об аз ҷониби тухмии лӯбиё таҳия гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки усулҳои нави синтези ҳосилаҳои глитсерол таҳия гардида, доираи истифодаи амалии онҳо васеъ карда шавад. Муқаррар карда шудааст, ки истифодаи ин пайвастагиҳо ба ҳайси афзоиштанзимкунанда метавонад ба баланд шудани ҳосилнокии лӯбиё мусоидат намояд.

**Сохтор ва мазмуни диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 150 саҳифа инъикос ёфта, аз 3 боб, муқкадима, қисми таҷрибавӣ, натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаю пешниҳодҳо, 14 расм, 9 график, 14 диаграмма, 2 нақша, 11 ҷадвал ва 142 руйхати адабиётро дар бар мегирад.

**Дар боби якум,** ки тавсифи адабиёт мебошад, маълумоти муфассал оид ба афзоиштанзимкунандаҳои растанӣ, аҳамият ва истифодаи онҳо дар кишоварзӣ оварда шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба ҳосилаҳои глитсерол ҳамчун пайвастагиҳои оянддор дода шудааст.

**Боби дуюм** ба баёни мавод ва усулҳои таҳқиқот бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф усулҳои гузаронидани таҷрибаҳои озмоишгоҳӣ ва саҳроиро муфассал шарҳ додааст.

**Дар боби сеюм** натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд. Муаллиф таъсири ҳосилаҳои гуногуни глитсеролро ба нашъунамо ва инкишофи растании лӯбиё муфассал таҳлил намудааст. Инчунин, таъсири композитҳои об-глитсерол-оҳак-сулфур-оксиди калтсий барои мубориза бо бемории антракноз омӯхта шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи стратегияҳои нави агрономӣ, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ равона шудаанд, истифода шаванд.

Бо назардошти таъсири мусбати ҳосилаҳои глитсерол, истифодаи он ҳамчун афзоиштанзимкунанда дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо

ҳосилнокиро баланд мебардорад, балки бо коҳиши истифодаи пестисидҳо ба ҳифзи муҳити зист низ мусоидат мекунад.

Дар баробари навгониҳо дар кор баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар кор баъзе хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки оянда онҳо ба инобат гирифта шавад.

2. Ҳангоми баррасии натиҷаҳо муқоисаи бештар бо маълумоти дигар муҳаққиқон мувофиқи мақсад мебуд.

3. Тавсия дода мешавад, ки дар оянда таъсири ҳосилаҳои глитсерол ба дигар намудҳои зироатҳои кишоварзӣ низ омӯхта шавад.

Эродҳои дар боло оварда шуда ба сифат ва баҳои арзанда дода шудаи диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

Автореферат ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат мекунад.

**Хулоса**

Бо вуҷуди эродҳои ҷойдошта, диссертатсияи мазкур кори илмии анҷомёфта буда, дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад. Натиҷаҳои бадастоварда саҳеҳ буда, хулосаҳо ба маводи таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ба талаботи банди 67 ва 69-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* ҳамчун афзоиштанзимкунанда» рисолаи илмӣ омода намудааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо арзанда мебошад.

Диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи: «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (*Phaseolus vulgaris L.*) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо, тахти суратҷаласаи ғайринавбатии №1 аз 14-уми феврали соли 2025 дар кафедраи биохимия ва генетикаи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
биохимия ва генетикаи
факултети биологияи ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои биологӣ Сафармади М.

Эксперт, номзади илмҳои биологӣ,
дотсенти кафедраи биохимия ва генетикаи
факултети биологияи ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ Раҳимзода Ш.Ҳ

Котиби ҷаласа, ассистенти кафедраи
биохимия ва генетикаи
факултети биологияи ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ Каримзода М.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Имзоҳои Сафармади М., Раҳимзода Ш.Ҳ
ва Каримзода М.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе хиёбони
Рӯдакӣ 121 Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tspu.tj;